# 1 МАРТИ СОЛИ 2020 - ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ


Человек и природа

Human and nature

# Инсон ва табиат

Нашрия дар назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст

№ 4-5, (105) ФЕВРАЛИ соли 2020

www.environment.tj


**Интихобот ифодаи ҳокимияти бевоситаи халқ, унсури муҳимми таъминкунандаи иштироки мустақими мардум дар ҳаёти сиёсии давлат, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини суботу оромии ҷомеа мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# КӢ МЕТАВОНАД ДАР ИНТИХОБОТ ИШТИРОК КУНАД?

## САВОЛУ ҶАВОБ ОИД БА ИШТИРОК ДАР ОВОЗДИҲӢ

**То баргузории интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ рӯзҳои башумор боқӣ монда, корҳои омодагӣ ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ дар сатҳи баланд ҷараён доранд.**

**Интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ чӣ гуна сурат мегирад?**

Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат мегирад, дар он ҳеҷ гуна ҳадди ҳисоб (квота) муқаррар карда намешавад.

**Иштирок дар интихобот чӣ гуна сурат мегирад?**

Иштирок дар интихобот озод ва ихтиёрӣ мебошад.

Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии бавосита бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад ва аз чор як ҳиссаи онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мекунад.

**Кӣ метавонад дар интихобот иштирок кунад ва кӣ чунин ҳуқуқ надорад?**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон то рӯзи интихобот ба 18 расидааст, қатъи назар аз мансубияташон ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва дороии молу мулк, ҳуқуқи интихоб кардан доранд.

Шахсоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд.

**Оё ба ҷои шахси дигар овоз додан мумкин аст, масалан метавон ба ҷои шавҳар, фарзанд ва дигар аҳли хонавода овоз дод?**

Не, ба ҷои шахси дигар овоз додан мумкин нест. Ҳар як интихобкунанда бояд шахсан худаш овоз диҳад.

**Дар ҳолати бемор будан ва дар интихобот иштирок карда натавонистани интихобкунандагон чӣ тадбир андешида мешавад?**

Агар баъзе интихобкунандагон ба сабаби беморӣ ё сабабҳои дигар ба бинои овоздиҳӣ омада натавонанд, комиссияи участкавии интихобот мувофиқи хоҳиши онҳо ба аъзои ҷудогонааш супориш медиҳад, ки дар маҳалли зисти интихобкунандагони мазкур дар ҳузури мушоҳидон ва шахсони боэътимод овоздиҳӣ ташкил намоянд ва дар ин хусус дар рӯйхати интихобкунандагон қайд карда мешавад.

**Вақти иштирок дар интихобот чӣ қадар муайян гардидааст?**

Овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот аз соати 6:00 то 20:00 гузаронида мешавад.

**Натиҷаи интихобот ба Маҷлиси намояндагон чӣ гуна муайян карда мешавад?**

Дар асоси протоколҳои комиссияҳои участкавии интихобот комиссияҳои ҳавзавии интихобот натиҷаи интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагонро дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ ва натиҷаи овоздиҳиро дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ вобаста ба ҳудуди худ муқаррар намуда, онро фавран ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ пешниҳод мегардонад.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот натиҷаи овоздиҳиро дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Масъалаи ташкилу баргузорӣ ва натиҷагирӣ аз интихоботи Маҷлиси Олиро кадом ниҳод ба уҳда дорад?**

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Комиссия) мақоми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раъйпурсии умумихалқиро ташкил мекунад ва мегузаронад, ба низоми комиссияҳои интихоботӣ роҳбарӣ мекунад, инчунин ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва Ҷамоатро назорат карда, риоя ва татбиқи якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот ва раъйпурсиро таъмин менамояд.

Комиссия мақоми дастаҷамъӣ буда, ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил мебошад, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад.

**Барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон чанд ҳавзаи интихоботӣ ташкил карда мешавад?**

Барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи мақоми салоҳиятдор 41 ҳавзаи ҳудудии якмандатӣ таъсис дода мешавад.

Инчунин барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, ки рӯйхаташон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудааст, як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ташкил карда мешавад.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ БА ИФТИХОРИ 27-СОЛАГИИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИШТИРОК НАМУДАНД



**Рӯзи 23 – юми феврали соли чорӣ аз таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 сол пур шуд. 21 феврал дар пойгоҳи Гвардияи миллӣ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати таҷлил аз 27-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши силоҳу муҳимоти ҷангӣ ва гузашти низомии ҳашт ҳазор нафар хизматчиёни ҳарбии чузъу томҳои сохторҳои қудратии гарнизони Душанбе доир гардид.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо маҷмӯи мухталифи техникаҳои гуногуни ҳарбӣ ва силоҳу муҳимоти ҷангӣ шинос шуданд.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносой аз намоишгоҳи муҳимоти ҳарбӣ, вобаста ба таҳдиди хатарҳои ҷаҳони муосир бобати самаранок истифода бурдану дар ҳолати хуби омодагии ҷангӣ нигоҳ доштани қувваю воситаҳои махсуси низомӣ, танку тӯп, силоҳу муҳимоти ҷангӣ, мутахассисони варзидаи низомӣ ва сайқал додани таҷрибаи доимии афсарону сарбозон ба ҳайатҳои роҳбариву фармондеҳии Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратии мамлакат супоришҳои мушаххас доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз шиносой бо маҷмӯи техникаҳои мухталифи ҷангӣ ба маркази баргузории чорабинӣ, ки дар майдони сафоройи он садҳо нафар ҳайати шахсии чузъу томҳои сохторҳои қудратии гарнизони Душанбе саф кашида буданд, ташриф оварданд.

Ба Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазири мудофиаи мамлакат Шералӣ Мирзо оид ба омодагии чузъу томҳо гузориш дод.

Баъди садои Суруди миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди иштирокчиёни паради ҳарбӣ нутқи пурмуҳтаво намуда, ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми мардуми шарафманди мамлакатро ба муносибати таҷлил аз 27-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният намуда, оид ба ҳама комёбиву дастовардҳои беназири давлати соҳибистиқлол, рушду камоли артиш ва доир ба пуриктидор гардидани Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат суханронӣ карданд.

Баъди анҷоми суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо амри фармондеҳи парад гузашти низомии чузъу томҳои гарнизони Душанбе оғоз гардид.

Дар парад шунавандагони Литсейи ҳарбӣ, афсарони Дастгоҳи марказии Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, афсарону аскарони чузъу томҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои зудамал, Қувваҳои ҳарбӣ — ҳавоӣ ва мудофиаи зидди ҳавоӣ, афсарони хадамотҳои махсуси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, курсантони муассисаҳои олии таълимии ҳарбии тобеи сохторҳои қудративу мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воҳидҳои таъйиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, занону бонувони Артиши миллӣ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дигар сохторҳои қудратӣ гузашти низомӣ доир намуданд.

Мавриди зикр аст, ки Артиши миллии мамлакат бисёр ҷавон бошад ҳам, лекин дар ин муддати кӯтоҳ имрӯз ба неруи бузурги ҷангӣ табдил ёфта, қодир аст дастоварду манфиатҳои давлати тозаистиқлол, сохти конститутсионӣ ва ҳаёти осоиштаи мардумро ҳимоя ва таъмин намояд.

Роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали бунёди Артиши миллӣ, новобаста аз вазъи номусоиди ҳарбиву сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар мамлакат ба сохтори ташкиливу штатӣ, таъминоти моддиву техникӣ ва пуррагардонии сафҳои Артиш бо афсарони касбиву мутахассиси варзидаи низомӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Илова бар ин, аз рӯзҳои нахустини таъсиси Артиши миллӣ инчониб ба масъалаҳои бунёду таҷҳизонидани қисмҳои ҳарбӣ, ташкили навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, пурра намудани он бо ҳайати шахсӣ ва беҳдошти омодагии ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби давлату ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Артиш ё худ Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол пояи матин, кафили бехатарӣ ва таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардумони он сарзамин ба ҳисоб меравад.

Баъд аз расми гузашти чузъу томҳо дар маркази майдони баргузории чорабинии ҷашнӣ, аз ҷониби афсарону сарбозони ротаи Қаровули фахрии Полки таъминотӣ ва идоракунии Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гвардияи миллӣ, ҳаракатҳои мавзуни низомӣ намоиш дода шуданд.

Чузъу томҳои ротаи Қаровули фахрӣ ҳангоми иҷро намудани ҳаракатҳои мавзуни низомӣ бо саф ва силоҳи худ 27 солро таҷассум менамоянд, ки он ишора ба таҷлил аз 27-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.





# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рӯзи 14 феврали соли 2020 дар Кумитаи хифзи мухити зист тағйироти кадрӣ ба амал омад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2020, №91 Шерализода Баҳодур Аҳмадҷон Раиси Кумитаи хифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ҳангоми муаррифии Раиси нав дар дастгоҳи марказии Кумита мухтасар шарҳи ҳоли Шерализодаро ба ҳозирин қироат намуд. Дар муаррифии Шерализода Б.А. собиқ Раиси Кумита -Гулмаҳмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ иштирок намуда, ба Раиси нав барои ноил шудан ба дастовардҳои арзанда дар соҳаи хифзи мухити зист, таъмини амнияти экологии аҳолӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон комёбиҳои навро таманно намуд.

**МУЖДА**

# ДУ ҶОИЗА БА НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ КОМЁБИҲОИ КАСБӢ ДАР МУҲОФИЗАТИ ГӮСФАНДОНИ НОДИР



Рӯзҳои 16-18 январи соли 2020 Сафири Тоҷикистон дар ИМА Фарҳод Салим дар намоиши «2020 Sheep Show Convention» бо даъвати "Wild Sheep Foundation", ки дар шаҳри Ренои иёлати Невадаи ИМА баргузор гардид, ширкат варзид. Чорабинии мазкур бо мақсади тақдими ҷоизаҳо ба шахсони алоҳида барои дастовардҳо, рушд ва афзоиши ҳайвонҳои нодир сурат гирифт. Дар чаҳорчӯби намоиши имсола ду ҷоиза барои намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим шуд.

- Ҷоизаи "International Conservation Statesman Award" ба Давлатшо Гулмаҳмадзода барои комёбиҳои касбӣ дар муҳофизати гӯсфандони нодир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҷоизаи дуюм "International Wildlife Conservation Ambassador Award" - ба Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА бо дарназардошти эътироф ва қадрдонии комёбиҳои дипломатӣ дар пешбурди муносибатҳо ҷиҳати муҳофизат ва идоракунии гӯсфандони нодир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сафир ҷоизаҳоро қабул намуда, ба ташкилкунандагони чорабинӣ барои қадрдонӣ изҳори сипос намуд. Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шуда, таҳкими ҳамкориҳо ба амалисозии ин иқдом мусоидат хоҳад кард.

**Маркази ахбори экологӣ**

# 21 ФЕВРАЛ – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Тоҷикон хушбахтанд, ки чунин забони бузург, дар ғановат камназир, шевою гӯшнавоз ва биҳиштӣ насибашон гардидааст

Ҳамасола 21 феврал дар ҷаҳон Рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҷлил карда мешавад. Ин рӯз дар иҷлосияи 30-юми конфронси генералии ЮНЕСКО, ки 17 ноябри соли 1999 баргузор гардида буд, бо мақсади ҳифзи забонҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳон эълон гардид.

Ба ақидаи забоншиносон, иқдоми ЮНЕСКО дар масъалаи қабули Рӯзи байналмилалии забони модарӣ ин даъват кардани давлатҳои рӯйи олам ба эҳтирому арҷгузорӣ ва ҳимояи ҳамаи забонҳо, аз ҷумла забонҳои ақаллиятҳои миллиест, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ба онҳо хавфи нобудӣ таҳдид мекунад.

# ТАСДИҚИ РАМЗҲОИ «30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ВА «СОЛҲОИ РУШДИ ДЕҲОТ, САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ» ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2019-2021




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз байни рамзҳои пешниҳоднамудаи рассомон, дизайнерон ва устодони Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон рамзи «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рамзи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021-ро бо мақсади муаррифии ҳамаҷонибаи иқдоми мазкур тасдиқ намуданд.

**РАМЗИ "30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН"**

дар шакли мудаввар таркиббандӣ шуда, давродаври он ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рақамҳои «1991-2021» бо рангҳои зарҳалӣ навишта шудааст.

Дар қисми марказӣ рақами 30 бо ҳошияи зарҳалӣ бо истифода аз рангҳои парчами миллӣ ва дар қисми болои рақам яке аз рамзҳои давлатдории тоҷикон – тоҷ дар заминаи кӯҳҳои пурбарф ҷой дода шудааст.

Қисми поёни рақам ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, бо тасвири роҳи секабата, агрегати НБО, обпарто ва нақб – ифодагари дастовардҳои назарраси кишвар мебошанд.

Дар қисми мобайнӣ дарахтони сарсабз, дашту пуштаҳо ва боғҳо нишонае аз рушди деҳот буда, баёнгари табиати биҳиштосои кишвар махсуб меёбад.

Тоҷ, рақами 30, осмони соф ва кӯҳҳо аз фазои сулҳу суботи Тоҷикистони соҳибистиқлол дарак медиҳанд.




**РАМЗИ «СОЛҲОИ РУШДИ ДЕҲОТ, САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ»** аз се хати доирашакли сурх, сафед ва сабз иборат аст, ки таҷассумгари Парчами давлатӣ махсуб меёбанд. Инчунин, ду хати иловагии доирашакли кабудранг ва ҳафт ситора низ рамзҳои миллиро ифода мекунанд. Дар гирди рамз бо забонҳои тоҷикиву англисӣ «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021» навишта шудааст.

Дар маркази доира ҷузъиёти асосии рамз — кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистон, офтоби оламоро, манзараҳои зебои ҳаёти деҳот, роҳу нақбҳо ва сайёҳ чун нишонаи рушди сайёҳӣ, рубоб, кӯза ва анору ангур ҳамчун рамзи кишоварзӣ ҷой дода шудааст, ки таҷассумкунандаи макони меваҳои шаҳдбор будани диёри зебоманзари Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, мусавварахо бо нақшу нигорҳои миллӣ оро дода шудааст, ки идомаи ҳунарҳои мардумӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, рамзи мазкур чор ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакатро бо тасвир кардани дарғот, нақб, роҳ ва мевачот ифода мекунад.

Вазоратҳо, идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзҳои «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» васеъ истифода баранд.

**АМИТ «Ховар»**

## ҲАМОВОЗӢ БА ПАЁМ

# ОМӮЗИШИ МАТНИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КУМИТА



**Имрӯзҳо дар ҳама вазорату идораҳои давлатӣ, муассисаҳои илмиву таълимӣ ва ташкилотҳо Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дорад.**

Аз ҷумла, санаи 29 январ дар маҷлисгоҳи Кумитаи ҳифзи муҳити зист семинари навбатии бозомӯзӣ оид ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуҳаволии аҳолӣ, вазифаҳои минбаъдаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 бо иштироки муовини Раиси Кумита Назарзода Зарина ва сардорону дигар кормандони раёсатҳо, шуъбаву бахшҳо ва марказҳои Дастгоҳи марказии Кумита баргузор гардид.

Дар ин мавзӯъ сардори Бахши робитаҳои байналмилалии Кумита М. Салимов маърӯза ироа намуд ва ба саволҳои пешниҳодгаштаи иштирокчиён посух дод.

**Маркази ахбори экологӣ**

# ҶАНБАҲОИ ГЕОИҚТИСОДӢ, ГЕОФАРҲАНГӢ, ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ГЕОСТРАТЕГИИ СИЕСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**1. ҶАНБАИ ГЕОИҚТИСОДӢ:** Роҳбари Тоҷикистон ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Сиёсати давлат дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ояндаи наздик ба се самти асосӣ — ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо равона мегардад.

**2. ҶАНБАИ ГЕОФАРҲАНГӢ:** Баргузории ҷашни 5500-солагии Саразми бостонӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳамияти бузурги геофарҳангӣ дошта, намунаи муваффақ барои ба оламиён муаррифӣ кардани мероси фарҳангии тоҷикон ҳамчун миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, шаҳрсозу шаҳрдор мебошад.

**3. ҶАНБАИ ГЕОПОЛИТИКӢ:** Аз Паёми навбатӣ метавон хулосаи мантиқӣ намуд, ки қадамҳои асосии рушди давлати Тоҷикистон дар тӯли даҳсолаҳои охир дар самти дуруст гузошта шуданд — ваҳдати миллат таъмин карда шуд ва намояндагони тамоми ҷомеа дар таҳияи самти рушд ҷалб карда шуданд, ки ин ба рушди сулҳомези кишвар имкон фароҳам овард. Тоҷикистон тавонист дар даврони тағйироти геополитикии пуршиддат ҳамчун давлати соҳибистиқлол боқӣ монад.

**4. ҶАНБАИ ГЕОСТРАТЕГӢ:**

Соли 2020 раёсати Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Раванди Истамбул оид ба Афғонистон оғоз мешавад. Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи ташаббуси чоруми глобалии Тоҷикистон — Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, барои солҳои 2018-2028 дар пойтахти кишварамон Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор мегардад.

Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри таъмини сулҳу субот дар ҷаҳон, муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва экстермизми хушунатомез ва дигар проблемаҳои глобалӣ фаъолона дар чорабиниҳои байналмилалӣ иштирок хоҳад кард. Ин самти геостратегии фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд.

# ПАЁМ –РАҲНАМОИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки 26 декабри соли 2019 ироа гардид, сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои оянда муайян менамояд.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми хеш дар баробари дигар самтҳои хоҷагии халқ, оқилона ва сарфакорона истифодабарии захираҳои табиӣ, аз қабили захираҳои об, захираҳои замин ва ҳифзи ҳавои атмосфера аз олудашавиро махсус қайд намуданд. Гарчанде ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партовиши газҳои гулхонавӣ ниҳоят кам мебошад ва аз рӯи ба ҳаво партофтани газҳои гулхонавӣ ҷойи 135-ро ишғол намояд ҳам, аммо оқибатҳои манфии онро имрӯзҳо ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ хуб эҳсос намудаанд.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки дар нигоҳ доштани сатҳи пастарини партовҳои зараровар ба атмосфера ба мо дар бисёр маврид истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, ки яке аз манбаҳои асоси тавлиди энергияи «сабз» ба ҳисоб меравад, мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Тибқи ақидаҳои олимон ифлосшавии ҳаво аз фаъолияти антропогенӣ нисбат ба ифлосшавии табиӣ хеле зиёд аст. Манбаҳои асосии ифлосшавии ҳаво корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, неругоҳҳои аловӣ, озмоишҳои ядроӣ (ҳастаӣ) ва ғайра мебошанд.

Моддаҳои бебаркаш, мисли оксиди карбон, дуоксиди нитроген, гидрогенсулфид, бензопирен, формалдегид, хлорпайвастагиҳо ва чангу ғубори атмосферӣ ифлосшавии ҳаворо ба вуҷуд меоранд.

Дар атмосфера афзудани гази карбон ҳоло хатари умумибашарӣ пайдо кардааст. Дар тоза нигоҳ доштани ҳаво кабудизоркунии шаҳрҳо, маҳаллаҳои аҳолинишин, муассисаҳои саноатӣ, бунёди ҷангалҳо ва ба вуҷуд омадани минтақаҳои «сабз» ниҳоят аҳамияти калон дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш барои пешбурди масъалаҳои об, аз ҷумла тавассути мусоидат ба арзёбии фарогирӣ ва натиҷагирии миёнамуҳлат татбики ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»-ро, ки дар соли 2023 ба нақша гирифта шудааст, қайд намуданд. Дар Тоҷикистон, ки дорои 13 ҳазор пиряххо мебошад, аз таъсири тағирёбии иқлим ҳазор пирях нобуд гардидааст. Ин дар ҳолест, ки то 60%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Дар доираи татбиқи ин Даҳсола рӯзҳои 18-20 июни соли 2020 дар шаҳри Душанбе конфронси дуюми Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 баргузор мегардад, ки ин масоил Тоҷикистонро бори дигар ҳамчун кишвари ташаббускор,созанда ва фаъол дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад.Олимон бо ёрии моделсозии компютерӣ пешгӯихо ё сенарияхои гуногуни тағйироти боришот ва харорати хаворо дар Тоҷикистон баррасӣ карданд. Моделхо ва мониторинги тағйироти иқлим нишон медиҳад, ки вазъияти боришот дар ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Панҷ давраҳои ноустувориро пешгӯӣ мекунад. Дар оянда ҳачми бориши борон зиёд шуда, боришоти барф коҳиш меёбад. Бо максади пешгирӣ намудани ифлосшавии атмосферӣ муътадил нигох доштани ҳарорати ҳаво ва ободу зебогардонии маҳалаҳои аҳолинишин ва дар баробари он баланд бардоштани вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолии дар микёси вилояти Хатлон ҳамасола маъракаи кабудизоркунӣ ва ниҳолшинонӣ гузаронида мешавад.

Дар давоми маъракаи кабудизоркунӣ ва ниҳолшинонии тирамоҳу замистони солҳои 2019-2020 ҳамагӣ 833000 бех ниҳолҳо, аз ҷумла; 250000 бех ниҳолҳои сояафкан, 107600 ниҳолҳои ҳамешасабз ва 67400 бех ниҳолҳои ороишӣ ва 408000 ниҳолҳои мевадҳанда нақшабандӣ шуда, то нимаи дуюми моҳи феврали соли 2020 барзиёд 118%-и ниҳолҳо шинонида шудааст. Барои баланд бардоштани маърифати экологӣ ҳисси табиатдӯстӣ ва зебопарастии аҳолӣ теъдоди зиёди гулҳои лола, садбарг, наргис, патунӣ ва ғайра шинонида шуда, дар доираи дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати оқилона истифодабарии захираҳои тибиӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар кишвар барномаҳои давлатӣ татбиқ мегардад.

Яке аз онҳо «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ва тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки ҷараёни иҷрои нақшаю чорабиниҳои он аз тарафи Кумитаи ҳифзи мухити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он мавриди назорат карор дода мешавад. Дар барномаи мазкур таҳия намудани Стратегияи миллӣ дар чор соҳаҳои афзалиятноки хоҷагидорӣ; энергетика, захираҳои об, наклиёт ва кишоварзӣ пешбинӣ шудааст. Ҳадафҳои Рушди устувор консепсияи рушди устувори инсон аст. Решакан кардани камбизоатӣ, пешбурди устувори истеҳсолоти бепартов ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳадафҳои асосии рушди устувори инсон мебошад.

Паёми Президент оинаи пурҷилоест, ки дар он имрӯзу фардои Тоҷикистон равшан таҷассум ёфта, Ватани моро ба сӯи ояндаи дурахшон раҳнамо хоҳад кард.

**Ҷ. МИРЗОХОНОВ,**
**сардори шуъбаи**
**ЭДЭ ва таҳлилию ташхисии**
**Раёсати ҳифзи муҳити зисти**
**вилояти Хатлон**

**ШАҲРДОРӢ**

# ДАР ДУШАНБЕ ХИЁБОНИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ НАВСОЗӢ МЕШАВАД



Дар асоси супориши Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ лоиҳаи нақшаи тархрезии иморатсозии хиёбони Саъдии Шерозӣ аз буриши хиёбони Неъмат Қарабоев то хиёбони Ҷаббор Расулови ноҳияи Сино таҳия гардид. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе ва ҶСК ПИЛҶ «САНИИОСП» тархрезӣ шудааст.

Масоҳати ҳудуди қитъаи тархрезишуда 37,00 гектарро дар бар гирифта, дар он бунёди 77 адад биноҳои истиқоматӣ, 1 адад бинои маъмурӣ, 4 адад биноҳои маъмурии бисёрфунксионалӣ ба нақша гирифта шудааст.

«Дар хиёбони Саъдии Шерозӣ аз буриши хиёбони Неъмат Қарабоев то хиёбони Ҷаббор Расулови ноҳияи Сино васеъшавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда — №32, №67, №37, №66, №2, №90 (дар ду баст) дар назар дошта шудааст. Дар хиёбони мазкур боғчаи кӯдаконаи мавҷуда -№112 «Ивушка», «Баҳористон», №101 ва №48 васеъ гардида, 1 адад кӯдакистони нав барои 250 нафар сохта мешавад. Дар ин минтақа дар масоҳати 1,80 гектар майдончаҳо барои истироҳати сокинон бунёд мегарданд»,- афзуд манбаъ.

Дар қитъаи тархрезишуда дар масоҳати 5,00 га роҳҳои мошингард, 6,04 га роҳравҳо ва 8,00 га майсазор бунёд мегарданд. Ҳамчунин сохтмони марказҳои хизматрасонии тиббӣ ва нозироти минтақавӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин хиёбон дар масоҳати 5,61 га 15 адад майдончаҳои варзишӣ сохта шуда, бо дарназардошти бунёди майдончаҳо барои бозии кӯдакон масоҳати 1,61га чудо гардидааст.

Дар лоиҳаи тархрезишуда бунёди 22 адад иншооти коммуналӣ (трансформатор, бунгоҳҳои гармӣ, муйдончаҳои партов) низ дар назар дошта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе дар доираи татбиқи Нақшаи генералии шаҳр лоиҳаи тархрезишудаи як зумра хиёбонҳои пойтахт таҳия гардидааст. Хиёбони Борбади шаҳри Душанбе аз ҷумлаи онхост, ки аз ҷониби ин Сарраёсат таҳия шудааст. Дар хиёбони мазкур биноҳои замонавии истиқоматии серкабата ва миёнаошёна, марказҳои хизматрасонӣ, кӯдакистонҳо, майдончаҳои варзишӣ, майдонча барои бозии кӯдакон, айвону гулгаштҳои истироҳатӣ ва таваккуфгоҳи 1 ва 2-ошёнагӣ бо фароҳам овардани шароити хуб барои зиндагии сокинони он бунёд карда мешаванд.

**Рухсораи НУР, АМИТ «Ховар»**

# ВОХӮРИИ МУОВИНИ РАИСИ КУМИТА БО РОҲБАРИ МАРКАЗИ МИНТАҚАВИИ ЭКОЛОГИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



**Санаи 18 феврали соли 2020 вохӯрии муовини Раиси Кумита Назарзода Заррина Махсум бо ҳайати намояндагон тахти сарпарастии роҳбари Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (ММЭОМ) Зафар Махмудов баргузор гардид.**

Дар вохӯри масъалаҳо оид ба баргузории сеюмин Конфронси Осиёи Марказӣ оид ба тағйирёбии иқлим, ки рӯзҳои 16-17 июни соли 2020 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Роҳбари Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ Зафар Махмудов ба Назарзода З. М. вобаста ба омодагиҳо ба баргузории сеюмин Конфронси Осиёи Марказӣ оид ба тағйирёбии иқлим маълумоти муфассал дод. Аз ҷониби Назарзода З. М. ба рафти корҳои омодагӣ ба Конфронс баҳои хуб дода шуд.

Инчунин зимни гуфтушунид доир ба рафти амалишавии Барномаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва камкунии таъсири он ба ҳавзаи баҳри Арал (CAMP4ASB) маълумот дода шуд.

Дар ҷамъбасти вохӯрӣ муовини Раиси Кумита пешниҳод намуд, ки Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ ҳамкориро бо Кумита дар самти амалишавии лоиҳаҳои якҷоя вобаста ба масъалаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дигар проблемаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист тақвият бахшад.

**Маркази ахбори экологӣ**

# АКСИЯИ НИҲОЛШИНОНӢ ДАР АТРОФИ МАВЗЕИ КӮЛИ ДУШАНБЕ



Санаи 8 феврали соли ҷорӣ дар талу тепаҳои деҳаи Ҷангалаки ҷамоати деҳоти Чорбоғи ноҳияи Варзоб воқеъ дар атрофи мавзеи кӯли Душанбе бо иштироки кормандони Дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти сарпарастии Раиси Кумита Гулмахмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ, ҳайати намояндагии Дафтари Барномаҳои САҲА дар ш. Душанбе тахти сарпарастии сафири САҲА дар Тоҷикистон Валериу Кивер, сокинони деҳаи Ҷангалаки н. Варзоб ва донишҷӯёни ДМТ аксияи ниҳолшинонӣ ва аксияи тозагии маҳал баргузор гардид. Дар натиҷаи баргузории аксияи муштарак зиёда аз 1000 бех ниҳоли дарахти сӯзанбарги навъи сосна бо баландии 1,5-2 метр дар талу тепаҳо ва шоҳроҳи Душанбе-Варзоб шинонида шуд. Ниҳолҳоро дафтари Барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон аз ниҳолхонаи шаҳри Ваҳдат дастрас намуд. Аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зист зиёда аз 200 нафар ҳашарчиён дар ин аксия иштирок доштанд. Аз ҷониби Кумита барои сабзиши хуби ниҳолҳо бо мақсади обёрии бехи ниҳолҳо як мошин об ва доруи селитра ташкил карда шуд.

Шумораи иштирокчиёни аксияи ниҳолшинонӣ бо кормандони САҲА ба зиёда аз 300 нафар мерасид. Дар баробари ниҳолшинонӣ иштирокчиён он маводҳои полиэтилене, ки дарахтон печонида шуда буд, ҷамъоварӣ намуданд ва ба ин васила дар тозагии маҳал саҳми худро гузоштанд.





Қобили зикр аст, ки Варзоб тайи солҳои охир ҳамчун минтақаи сайёҳӣ хеле назаррабо шудааст. Қад-қади шоҳроҳи Душанбе-Варзоб, бахусус дар атрофи мавзеи кӯли Душанбе бо мақсади сабзу хуррамгардонӣ солҳои қаблӣ ниҳолҳои зиёди дарахтони ороишиву ҳамешасабз шинонида шуда буд, ки имрӯз қомат афрохта, ҳусни ин мавзеъро дучанд гардонидааст. Аз ҷониби кормандони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавсими имсолаи тирамоҳии ниҳолшинонӣ дар ин мавзеъ 4000 бех ниҳолҳои ороишӣ ва ҳамешасабз шинонида шуда буд. Ҷамъи ниҳолҳои шинонидашуда дар мавзеъ айни замон 5000 бехро ташкил мекунад. Мутахассисони Кумита ва зерсохтори он дар н. Варзоб аз болои сабзиши ниҳолҳои шинонидашуда назорат мебаранд.

Дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бо истифода аз ниҳолҳои мевадиҳанда, ҳамешасабзу ороишӣ корҳои сабзазоркунӣ ва хуррамсозӣ, хусусан ниҳолшинонӣ дар партави омодагӣ ба таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида истодаанд.

Воқеан, агар ҳар ҷое, ки сарсабз аст, обу ҳавои тоза дорад ва барои беҳдошти саломатии одамон мусоидат менамояд.

**Ҳамроқул АҲРОРОВ**

# ҶАШНҲОИ САДА, НАВРӮЗ ВА МЕҲРГОН АЗ НИГОҲИ ИЛМИ БИОЛОГИЯ



**САФАРБЕК РАҲИМОВ,**
**доктори илмҳои биологӣ,**
**профессори ДМТ**

Таҷлил намудани ҷашнҳои ниёгон, аз қабили Сада, Наврӯз ва Меҳргон аз як тараф ҷанбаи тарбиявӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар ин ҷашнҳое мебошанд, ки робитаи инсон бо табиатро ифода мекунанд. Баргузории ҷашнҳои ниёгон барои ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеа бо мақсади мусоидат барои беҳтар намудани зисти мардум ва пурсамар гардондани фаъолияти мардум мебошад.

Сада яке аз чунин идҳои миллии тоҷикон мебошад, ки таҷлили он аз охирҳои моҳи январ ва аввали моҳи феврал оғоз ёфта, то нимаҳои дуюми моҳи март идома меёбад. Ба таври маълум имсол шуруъ аз 20 январ дар ҳар гӯшаву канори мамлакатамон ҷашни Садаро таҷлил намуда истодаанд.

Мехостем баъзе андешаҳоямонро марбут ба вижагиҳои Сада баён кунем. Ниёгонамон ҷашни Садаро 50 шабу 50 рӯз то Наврӯз таҷлил менамуданд. Ҷашнгирии Сада дар охирҳои моҳи январ ва аввали моҳи феврал ба оғозёбии кори деҳқонон, махсусан боғпарварон далолат мекунад. Дар ҳамин давра деҳқонон ба анҷом додани як қатор корҳо, ба монанди шинонидани ниҳолҳо, буридани шоху навдаҳои осебёфта (касалӣ, беҳосил, сустинкишофёфта) ба шаклдарории дарахтон, мулоим намудани бехи дарахтон, яхобмонӣ, коркарди байни қаторҳо дар боғҳои дарахтон машғул мешаванд.

Дар ин мавсим, ки ҳаво хеле сард мешавад, дарахтон дар ҳолати оромии биологӣ қарор мегиранд. Ин давра беҳтарин вақт барои шинонидан ва ба шакл даровардани дарахтон ба ҳисоб меравад. Канда шинонидан ва буридани шоху навдаҳои беҳосил ба инкишофёбии дарахтон зарар намерасонад, чунки дарахтон дар ҳолати қарахтӣ қарор мегиранд. Ҷойи осебёфтаи решаи дарахти кандашуда ва шоху навдаи буридашуда дар муддати кӯтоҳтарини сармои зимистон (кам будани касалиҳои занбӯруғӣ ва бактериологӣ) ба зудӣ барқарор мешавад. Дар ин вақт қисми зеризаминии дарахтон ва бутаҳо низ дар ҳолати оромии нисбӣ қарор мегиранд, ки канда шинонидан ба ҳолати физиологии онҳо таъсир намерасонад. Бинобар ин, мӯякрешаҳои (решаҳои ҷаббанда) дарахтони дар ҳавои сард шинонидашуда то гармшавии замин барвақттар барои бештар ҷаббидани обу намакҳои минералӣ омода мегарданд. Ҳамаи ин аломатҳои биологии дарахтонро деҳқонон аз рӯйи таҷрибаҳои гузаштагон хеле дақиқ ба ҳисоб гирифта, онро ҳамчун ҷашни Сада, саршавии фақат шинонидани дарахтон меҳисобанд. Таҷрибаи чандҳазорсолаи деҳқониро ҷамъбаст намуда дар шакли иди Сада ҳамчун ҷашни деҳқонон аз замонҳои қадим онро таҷлил менамоянд, то ки ин давраи саршавии соли нави бунёди боғпарвариро сари вақт оғоз намуда, ин марҳилаи вақти шинонидани дарахтонро самаранок истифода баранд.

Ба хотири самаранок истифода намудани оғози соли нави деҳқонӣ бояд дар ин давра дарахтони пайвандии мевадиҳанда, ороишӣ, сояафкан ва дигар аломатҳои хуби биологӣ доштаро тайёр намуда, онро пешкаши деҳқонони заминдор бояд гардонид, то ки ватани биҳиштосоямон боз ҳам зеботар ва дастархони деҳқониамон ғанитар шавад.

Шароити обу ҳаво, таркиби хок, кам будани намнокӣ, маҳдудияти боришот дар фаслҳои гуногуни сол, баланд будани ҳарорат дар фасли тобистон, релефи гуногуни ноҳамвори кӯҳсор мардуми моро дар тӯли ҳазорсолаҳо водор намуд, ки бештар ба парвариши боғҳои мевадиҳанда машғул гарданд. Аз ҳамин сабаб, дар баъзе мавзеъҳо ба бунёди боғҳои зардолу, себ, чормағзу тут, гелосу ноку нашпотӣ, анору анҷир, дар мавзеъҳои дигар ба кишти ғалладонагиҳо, аз қабили гандум, нахӯд, наск, мошу шолӣ, зағиру пахта ва дар баъзе мавзеъҳои ба парвариши чорводорӣ машғул мешаванд. Бинобар чунин зиёдҷабҳа будани тарзи хоҷагидорӣ байни якдигар доду

Пас аз 50 шабу 50 рӯзи ҷашни Сада ҷашни дигари ниёгонамон- Наврӯз фаро мерасад, ки ин марҳилаи бедоршавии табиат ва баландшавии ҳарорати хок маҳсуб меёбад, анҷом додани корҳои дигар, ба мисли гузаронидани кишту кори ғалладонагӣ, неш задани дони киштшуда сурат мегирад. Бинобар ин, мавсими кишту кор, пошидани дони ғалладонагӣ баъди 21 март—давраи баробаршавии шабу рӯз сар мешавад, ки онро низ деҳқонони тоҷик ботантана ва хушнудии зиёд пешвоз мегиранд.

Сол бо таҷлили иди Меҳргон дар фасли тирамоҳ ҷамъбаст мегардад, ки дар он аз ҳосили ҷамъоварӣ кардашуда ба намоиш бароварда мешавад. Дар гузашта (даврони шӯравӣ) натиҷагирӣ аз ҳосили деҳқонро иди Ҳосилот ном мебурданд. Кишовар-



гирифт намуда, зиндагии мардум осуда мегузашт, аз хориҷи кишвар фақат як миқдори либосворӣ ва ҷавоҳирот ворид мегашт.

Дар замони Истиқлолият дар мавзеъҳои гуногун ба вуҷуд овардани навъҳои ҳархелаи дарахтони мевадиҳандаи таҳҷойӣ, сол ба сол беҳтар гардидани сифату масоҳати он, ки ин раванд ҳоло низ давом дорад, диққати меҳмонони хориҷӣ ва сайёҳонро афзун гардонидааст.

зони асил дар ҷашни Меҳргон нишон медиҳанд, ки чигунагии ҳосили соли равон аз ин ду марҳилаи ҷашни аввалаи вақт вобастагӣ дорад.

Ин се давраи чорабиниҳо, ки бо иштироки васеи мардум сурат мегирад, аз маъракаи дарахтоншинонӣ оғоз ёфта, баъдан кишту кори ғалладонагиҳо сар мешавад ва ахиран ҳосили ба даст омада ғундошта мешавад, ки ифодагари робитаи инсон бо табиат ва Замин аст.

# АКСИЯИ ТОЗАГИИ СОҲИЛ ВА МАҲАЛ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани вазъи экологии муҳити зист, тоза нигоҳ доштани манбаъҳои обӣ, соҳили дарё ва канори каналу ҷӯйборҳо, баланд бардоштани маърифати экологии сокинони шаҳр ва ҷалби шаҳрвандон дар беҳтар намудани вазъи санитарию экологии муҳити зист, инчунин амалӣ гардидани Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», инчунин нақшаи ташкил ва гузаронидани аксияҳои «Тозагии соҳил - 2020» ва «Тозагии маҳал» дар ҳудуди шаҳри Турсунзода рӯзҳои истироҳатӣ бо иштироки беш аз 5000 нафар аҳолӣ корҳои тозагӣ дар соҳили дарёҳои Қаратоғу Ширкент, маркази шаҳр ва деҳот гузаронида шуд.



Дар натиҷа беш 5 км соҳили дарёҳо аз партовҳои маишӣ, аз қабили зарфҳои пластикӣ, хасу хошок ва дигар намуди партовҳо тоза гардиа, бо аҳолии соҳилнишин вобаста ба тоза нигоҳ доштани манбаъҳои обӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Зимни баргузории тозагии маҳал бошад, шафати шоҳроҳ то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон, кӯчаҳои маркази шаҳр ва ҳудуди деҳаот аз партовҳо, алафҳои бегона ва ғайра тоза гардида, дар натиҷа беш аз 20м3 партовҳо аз соҳил ва ҳудуди маҳал ба пратовгоҳи асосии шаҳр интиқол дода шуд.

Дар ин замина бо иқдоми шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳр аз ҷониби командони ташкилоту идораҳо ва сокинони фаъол дар қитъаҳои вобасташуда ва назди бинову иншооти маъмурию истиқоматӣ зиёда аз 5 ҳазор бех гули садбарг ва дигар намуди гулҳои мавсимӣ шинонида шуд.

Тибқи нақша аксияҳои тозагии соҳил ва маҳал то моҳи ноябри соли ҷорӣ идома меёбад.

# АЗ ПОЧТАИ ИДОРАИ "ИНСОН ВА ТАБИАТ"

Аз Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара ба нишонии идораи "Инсон ва табиат" бо чунин мазмун мавод ирсол гардид: "Мутахассисони Шуъбаи ҳифзи муҳити зист дар якҷоягӣ бо масъулини Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали н. Данғара дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 17 , 18-и ноҳияи мазкур ва аҳолии деҳаҳои атрофи ҳудуди ҷангал ҷойгиршуда бо мақсади ҳифзи намудҳои парандагону ҳайвоноти вахшие, ки ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил ҳастанд, аз моҳи ноябри соли 2019 то 10 феврали соли ҷорӣ ҳашт вохӯриву суҳбатҳои муфид анҷом доданд".



Аз ҷониби масъулин бо мақсади наҷоти парандагон ва ҳифзи ҳайвоноти вахшӣ аз гуруснагӣ дар фасли зимистон дар минтақаҳои ҷангали Хушдилон, Себистон, Навобод ва Данғара корҳои биотехникӣ сурат гирифта, ба миқдори 450 кг. гандум, 560 кг. ҷав, 500 кг. алаф, 672 кг. коҳ ва 60 адад прес тақсим карда шуд.

****

Маводи Бурҳонов М. - мутахассиси бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Фархор, ки ба суроғаи идораи нашрия пешниҳод намудааст, доир ба маъракаи ниҳолшинонӣ дар ҳудуди ноҳияи Фархор то 15 феврали соли ҷорӣ маълумот дода шудааст. Дар мактуб аз ҷумла омадааст: "Мувофиқи нақша дар ноҳия ба миқдори 23000 дарахтони сояафкан, ҳамешасабз ва ороишӣ шинонида хоҳад шуд. Инчунин шинонидани 262000 адад гулу гулбутаҳо ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 32000 адад - гули лола ва 30000 ададро гули садбарг ташкил медиҳад.

То 15-феврали соли ҷори дар ҳудуди ноҳия аз тарафи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ташкилоту муассисаҳо ба миқдори 20353 бех ниҳолҳо шинонида шудааст, ки 88,5%-и иҷроиши нақшаро ташкил медиҳад.

Сардори Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Фархор А. Ҳаитов дар номааш навиштааст, ки бахш бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ноябри соли 2012 №626 "Дар бораи ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб" нақшаву чорабиниҳо тартиб дода, бахри ошкор ва бартараф кардани партовҳои бесоҳиб тадбирҳо андешида истодааст.

Аз ҷумла, бо ташабуси Бахши ҳифзи мухити зист ва ҷамоати шаҳраки Фархор рӯзи 1-феврали соли ҷорӣ дар мавзеи Уртабуз наздикии кӯчаи А.Ҳасанов ду ғарами калони партовҳои бесоҳиби истеъмолӣ ҷамъ шуда, бо ёрии техника ва аҳолӣ бартараф карда шуд.

****

Ҳамзамон, дар андозаҳои бадан фарқиятҳои куллӣ миёни ҷинсҳо дида намешавад. Дар бедонаҳои болиғи ҳамаи зотҳо минкор (нўл) сиёҳранг буда, дар зери маъқади наринаҳо ғадудҳои гулобиранг баръало намудоранд. Ҳангоми зер кардани онҳо моеи кафкдор чудо мешавад. Дар модинаҳо бошад, ин ғадуд нест ва пўст дар атрофи маъқад сиёҳранг аст.





Бояд қайд намуд, ки бедонаҳо дорои якчанд хусусиятҳои хоси биологӣ мебошанд. Яке аз хусусиятҳо - зудрасӣ ва сермаҳсулии онҳо мебошад. Бедонаҳо хело барвақт дар синни 37- 40 рўзагӣ ба тухмгузорӣ сар мекунанд, ки вазни онҳо ин дар ин давра 90-100 г мебошад. Онҳо дар 60- рўзагиашон ба камолоти ҷинсӣ мерасанд. Самаранокии тухмдиҳӣ дар модинаҳо аз 4% дар 5 рўзи аввал сар шуда, дар охири моҳ ба 72% мерасад. Соле зиёда аз 250-300 дона тухм медиҳанд. Баъди 5-10 дона тухмгузорӣ модина 1-2 рўз дам мегирад. Ба хурдии худ нигоҳ накарда, бедонаҳо тухми мутаносибан калон медиҳанд, ки нисбат ба вазнашон 7,61% зиёд мебошад. Вазнашон вобаста аз ҷинс ва зотнокиашон 130-200г ва зиёдтар мешавад. Дар маҷмўъ вазни тухмҳои мегузоштаи онҳо нисбати вазнашон 20-24 маротиба зиёд аст, ки ин таносуб дар мурғҳо танҳо 1/8 мебошад.

Хусусияти дигар ҳарорати баланди сиришт мебошад, ки аз дигар парандаҳо баланд буда, 45*С мебошад. Дар ин ҳарорат барангезандаи бисёр беморихои сироятӣ фаъолияти баланд зоҳир наменамоянд ва аз ин рў, бедонаҳо тавассути хусусият ва иммунитет (масуният) –и баланд ва бисёр беморихо устувор мебошанд.

Дигар ин ки онҳо дар тўли эволютсия баъди хонагӣ шуданашон ба маҳсулнокии баланд вазни зиёд ва тухмгузории бештар ноил гардидаанд.

Хусусияти дигар он аст, ки бедонаҳо дар шароити табиӣ парандаҳои аз ҷиҳати биологӣ ва экологӣ тоза ба ҳисоб рафта, гўшт ва тухмашон дорои манфиати баланди биологӣ мебошад. Тозагии экологӣ ва манфиати биологиро сабаб ин омили дигари биологӣ ё худ хусусияти биологӣ он мубодилаи моддаҳо мебошад, ки дар онҳо ба тезӣ мегузарад (онро ҳарорати баланди бадани онҳо боис аст). Хусусияти дигари фарққкунанда аз дигар парандаҳо он аст, ки наринааш аз модина нисбатан хурд мебошад. Масалан, дар баъзе зотҳо модинаҳо 115-120г то 130 г, наринаҳо бошанд, камтар мебошад. Қобилияти бордоршавии тухмҳо дар баъзе зотҳо 80-90% буда, ҷўҷабарорӣ – 70-92% аст.

Бедонаҳои зоти фараон, ки дар Амрико селексия шудаанд, асосан барои истеҳсоли гўшт истифода мешаванд. Вазни зиндаи модина 280-300 г, нарина бошад 180-200 г ташкил медиҳад. Аз 42- 50- рузагӣ ба тухмдиҳӣ шурўъ карда, соле 200-220 дона (гоҳо зиёдтар) тухм мебароранд. Вазни тухмашон 12-18 г аст.

Қайд кардан лозим аст, ки доир ба омўзиши хосиятҳои биологӣ ва корҳои селексионӣ–офаридани зотҳои нав дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур таҳти роҳбарии академик Комилзода Давлатҷон Қаюмӣ корҳои илмӣ ҷараён мегирад. То ин дам бисёр корҳои таҳқиқотӣ дар мавзуҳои таъсири ғизонокии ратсион ба маҳсулотдиҳӣ ва сифати маҳсулот, меъёрҳои ҷойгиркунии бедонаҳо дар қафасҳо ва монанди инҳо омўхта шудаанд. Ичрои корҳои селексионӣ бахри офаридани зоти нави бедона идома ёфта истодааст.

Таркиби асосии тухми ҳар як намуди парандаҳо қариб ки доимӣ аст. Дар бедонаҳо сафедаи тухм нисбат ба дигар парандаҳои ҷўҷабарор зиёд аст.Фоизи таркибии зардии тухми бедона монанди мурғ мебошад. Дар бисёри парандаҳои ҷўҷабарор пўчоқи тухм зиёда аз 10% аз вазни умумии тухмро ташкил медиҳад, дар бедонаҳо 7,2% мебошад.

Бедонаҳо одатан пас аз нисфирўзӣ ё бегоҳӣ, баъзан шабона тухм мегузоранд. Мўҳлати тавлиди як тухм қариб 30 (дар мурғҳо 24-27) соат мебошад. Тухми бедона моводи биологии аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, дар он моддаҳои ғизоии барои инсон зарурӣ мавҷуданд.

**М.А. ШАРИПОВ,**
**мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур**

Маҷид САЛИМ

# МӮЙСАФЕД ВА ОЗОДАПАЛАНГ

## Ҳикоя

Рӯзҳои охири фасли зимистон мӯйсафед якбора дилтанг шуд. Магар дар пойдомани кӯҳистон дур аз деҳа яккаву танҳо зистан осон аст.! Охир танҳоӣ одамро аз ботин афгору хаста мекунад. Аммо мӯйсафед азм карда буд, ки дигар деҳа барнамегардад ва боқии умрашро дар ҳамин мавзеъ, ки замоне мулки бобоӣ будааст, мегузаронад. Падару бобояшро дар гузашта муҳоҷир карда ба таҳдашт кӯчонданд ва онҳо дар ин ҷо ба пахтакорӣ машғул гашта, дигар ба кӯҳистон барнагаштанд.. Кӯҳистон зимистони сард дораду зиндагӣ мушкил мешавад,дар таҳдашт бошад гармию осудагӣ ҳукмфармост, мегуфтанд онҳо. Шояд мӯйсафед ҳам то охир ин ҷо намемонд, тоқат намекард,аммо ҳодисае рух доду дигар тан ба тақдир дод. Ӯ дар шафати ҳавличааш се гӯсфанду бузеро нигоҳубин мекард ва ҳар рӯз ба онҳо обу алаф дода ба серӣ шири буз мехӯрд.

Як бегоҳӣ баъди намози шом садои имдодталабонаи бузу гӯсфандон баланд гардид. Мӯйсафед гумон кард,ки шояд гурусна монда бошанд ва чандон диққат надод. Лекин боз баоси гӯсфандон шиддат гирифт. Мӯйсафед ноилоҷ дохили оғилхона шуда ҳуш аз сараш парид. Дар рӯ ба рӯи ӯ бабри барфӣ меистод. Холҳои сафеду чашмони зебояш ӯро бо салобат нишон медод. Бабр гӯсфандонро таҳдид дошт. Вай забонашро баровар-да, дандонҳои ашкашро месовиду лаб мелесид. Гӯсфандону бузи бечора аз тарс дир-дир ларзида дар кунҷи оғил паноҳ мебурданд.

Мӯйсафед ҳайрон шуд,ки чаро ба онҳо ҳамла намекунад. Акнун бабр нигоҳашро ба мӯйсафед дӯхт. Рамузгирона пайт меҷуст, гӯё интизор буд,ки мӯйсафед ба чӣ амале даст мезанад. Мӯйсафед хеле карахту беҳис ноҷунбон истод, гӯё ба замин мехкуб шуда бошад. Баъд ба худ омад ва нимғурма «ё пирам» гуфт: -«О, ин озодапаланг будааст,ку»! Аз ин нидои мӯйсафед озодапаланг чизеро пай бурд, ки ором шуд ва ҷуссаашро тилтонда, ду пои пешашро тиргак карда монд. Мӯйсафед дид,ки озодапаланг оқибати корро интизор аст, беихтиёр афзуд: -Ту ҷонвари озодӣ,бигир чизе, ки дилат мехоҳад . Шояд гурусна мондаӣ,ҳа!

Озодапаланг дурудароз ба мӯйсафед нигоҳ карду баъд думашро ликонда рамузгирона аз оғил баромад. Мӯйсафед ҳайрону лол аз қафои озодапаланг назар дӯхт. Озодапаланг ҳатто ба қафо ҳам нигоҳ накарда ба пайраҳаи кӯҳӣ сарнишеб шуд. Баъди ин воқеа қариб ҳар ҳафта ду- се маротиба озодапаланг назди хонаи мӯйсафед пайдо мешуд. Пиракӣ инро фоли нек донист, охир вай аз гузаштагони худ шунида буд,ки озодапаланг ҳайвони муқаддас мебошад ва хайрхоҳи инсон аст. Мӯйсафед ин саҳарӣ дар дунгии кӯҳпора боз озодапалангро дид. Ба ҳайвон дурудароз нигоҳ кард ва ба назараш чунин вонамуд, ки озодапаланг низ мисли вай азоби танҳоӣ мекашад. Аз дил гузаронд, ки ранҷи танҳоӣ барои ҳайвон ҳам мушкил будааст. Аввал каме даступо гум кард. Хост озодапалангро ба хонааш даъват кунад. Баъд якбора хандид ва зери лаб гуфт: «чӣ магар девона шудаам ё дар ин гӯшаи дур ақламро хӯрдаам, ки як ҳайвони ваҳширо ба хона таклиф дорам ё Худоё тавба кардам,тавба...»

Дар ҳоле, ки ба ҳаяҷон омада буд, нохост озодапалангро фарёд кард:

-Ин ҷо биё,эй ҳайвони доно, натарс биё!

Озодапаланг рамузгирона оҳистаоҳиста хазида назди мӯйсафед расид.

- Гурусна мондаӣ, ҳа!

Озодапаланг гӯё чизеро фаҳмид,ки панҷаҳояшро бо ҳам совида, ба қаъри чашмони мӯйсафед нигарист. Мазмун ман гурусна нестам,балки...

-Ҳа,фаҳмидам азоби танҳоӣ дорӣ. Ман ин дардро хуб мефаҳмам...

Мӯйсафед акнун барои худ ҳамрозе ёфт. Номашро «Бабр» гузошт. Онҳо бо ҳам унс гирифтанд. Бабр аз кӯҳҳо поён хамбида, рӯзи дароз аз дунболи мӯйсафед мегашт. Пойҳояшро мелесид. Аз ҷояш қад-қад парида, бозӣ мекарду ҷуфтак мезад. Мисли вафодоре дар ақибаш пайдо шуда, медавид ва пуштағелак мерафт. Аз даме, ки дар ин гӯшаи хилват озодапаланг пайдо шуд, мӯйсафед ҳам ғаму дардашро фаромуш кард. Акнун баробари озодапаланг механдид ва шодӣ мекард. Ҳамин ки номи бабрро ба забон мегирифт, озодапаланг дав-давон бо шавқу шӯр гирдаш давр мезад ва овоз мебаровард. Ва мӯйсафед имо мекард:

-Гушна мондӣ,ҳа!

Баъд нон ва пораи гӯште наздаш мегузошт.

Бабр озодахӯр буд ва оромона ғизо мехӯрд.. Ин дам мӯйсафед аз бабр мепурсид:

-Волидонат куҷоянд,Чаро худат танҳоӣ,ҳа?

-Бабр бо ҳасрат ба мӯйсафед нигоҳи аламдор намуда, ғур-ғур мекард. Мӯйсафед аз ин рамуз гирифта мегуфт:

-Ҳамааашро фаҳмидам. Мисли ман сағира мондаӣ.

Мӯйсафедро озодапаланг аз ранҷи танҳоӣ гӯё наҷот дода буд. Имсол зимистон сербарф омад. Тамоми дашту ҳомун ҷомаи ғафси сафед ба бар кардааст. Мӯйсафед дар рӯзҳои сард дар кулбааш танҳо монда зиқ мешуд. Рӯзҳои дароз роҳи бабрро мепоид. Ҳамин, ки аз тиреза пайдо шудани ҷонвари доноро медид, зуд берун мебаромад ва ҳарду дар атроф чарх мезаданд. Дӯстиаш устувор гардид. Рӯзҳои хунуки яхбандӣ аҳволи мӯйсафед қадре бад шуд. Ғизо намерасид. Ва илтиҷо мекард,ки баҳор тезтар расад, ордаш ҳам кам мондааст. Ҳатто як рӯзи хеле сард ки тӯфону шамол лаҳзае қатъ намегардид, нохост бабр пайдо шуд ва бо омадани худ мӯйсафедро ҳайрону музтар сохт. Бабр як бӯзи кӯҳии калонеро кашолакунон назди хонаи ӯ оварда буд. Мӯйсафед назди бабр омада, гарданашро сила кард ва навозишкунон гуфт: -Худат нахӯрдӣ, охир атроф сербарф, боз дар кӯҳҳои баланд гурусна намонӣ!

Бабр чизе нафаҳмид. Бо даҳони кушода калаашро ҷунбонд ва ғур-ғур кард. Сипас ҷастухез карда, гирдаш давр зад ва ангуштони мӯйсафедро лесида, фарёд кашид.

Мӯйсафед бузи кӯҳиро пӯст канда, омодаи тайёр намудани ғизо шуд. Зеро нағз медонист, ки агар ин тӯҳфаи бабрро рад кунад, дӯсташ сахт меранҷад.

Аммо зимистони қаҳратуни имсола ҳавсалаи пиракиро тамоман гирифт. Ин ҳама ноҷуриву дилмондагӣ аз куҷо?, меандешид мӯйсафеди танҳо. -“Охир дар зиндагӣ ҳама чиз мерасад. Шукри худо ба ҳаштод қадам мондааму ҳанӯз сиҳату саломатам. Аз чизе шикоят надорам. Шояд азоби танҳоӣ кашам,ҳа”,- аз дил гузаронд мӯйсафед. Аммо боре ҳам дар умри тӯлонияш аз танҳоӣ шикоят накардааст. Охир дар подомани кӯҳҳо миёни бешаи сарсабз зистан магар хушбахтӣ нест? Деҳаву шаҳр серодам, ҳама аз пайи ташвишу саргардонӣ. Ҳар киву дави аспаш. Дигар ун замонҳо гузашт.

Мӯйсафед соли гузашта меҳмони ҳамдеҳагон гашта буд. Як-ду рӯзи аввал бо ҳамсолонаш ҳамсӯҳбат гардид. Аз ҳолу аҳволи хешонаш хабар гирифт. Баъд кунҷи хона монду пиракӣ. Рӯзи дароз бо набераҳои бародараш овора монд. Соҳибхона ба аҳволи мӯйсафед бо алам нигоҳ мекард ва ҳис намуд, ки меҳмон сахт монда шудааст.

-Бобо, дилат чӣ мехоҳад. Ош пазам ё отала биёрам?

- Чой биёр, мешавад бачам.

- Охир ягон ғизои дурусттар хӯред,боз гурусна намонед?

- Не,бачам шукр .

Соҳибхона берун баромаду мӯйсафед боз бо андешаҳои худ танҳо монд. “Аслан ҳамааш айби худам. Охир баъди марги кампиру ягона фарзандам ман қавл дода будам,ки дигар ба деҳа барнамегардам. Аммо ин дили сабилмонда боз ба ҳамин обу хоки деҳа кашол будааст,да!”

Ҳоло мӯйсафед якбора гузаштаашро ба хотир оварду ба қалбаш нештари аламу дард нохун зад. Сараш чарх зад. Ҳар гоҳе сахт дилгир шавад ана ҳамин тавр фишори хунаш баланд гардида, даступохӯрда мешавад. Аслан мӯйсафед то шастсолагиаш аз саломатӣ шикоят надошт. Доим дар саҳро буду кор мекард ва дар кӯҳҳои атроф рӯзҳои истироҳат ба шикор машғул мегардид. Тани бедард дошт. Зеро кампираш зани худотарси боимон буд. Майсара дар зиндагӣ такягоҳи мӯйсафед буд. Апаи Майсара нозбардори мӯйсафед буд ва барояш беҳтарин хӯрокҳои миллӣ мепухт. Ҳоло ӯ ба берун нигоҳ карду чашмаш ба танӯр афтод. Эҳа, чӣ давраҳои ширину гуворо буд он замон. Ҳамин, ки кампираш нони гарм мепухт, зуд мӯйсафедро ба шакароб даъват мекард ва дар худи сари чакдон нони гармро дар табақ реза карда, баъд дӯғ мерехту аҷаб шакароби хубе мешуд. Мӯйсафед то охир бо иштиҳо шакароб мехӯрд ва аз таъми сабзаву алафи баҳорӣ лаззат мебурд.

Ҳоло мӯйсафед он рӯзҳоро ба хотир оварду дилаш заъф кард ва хиҷилу малул нигоҳи хастаашро ба ҳота дӯхт. Теғи нигоҳаш аз сояи ниҳолакон гузашта дар шохаи анҷири пире хам хӯрд ва дид,ки дарахти анҷир ҳам мисли вай хомӯшу мотамзада менамояд. Ва шоххҳои шикаставу тани афгораш аз хушк шудани дарахти пир гӯё нолиш доранд. Дигар мӯйсафед овози кӯдаконро намешунид ва андешааш ӯро ба гузашта мебурд. Мӯйсафед “ё пирам” гуфту аз ҷояш хест ва хомӯшона ба сари кӯча қадам зад ва баъд аз онҷо ҷониби қабристон роҳ пеш гирифт. Азм кард, ки рафта дар сари қабри кампиру бачааш як оят тиловат куналу баъд ба хонаи худаш баргардад. Қабристон дар ҷои баланди деҳа ҷойгир аст ва чор тарафи онро сой ва боғҳои фаромӯшшуда фаро гирифтааст. Мӯйсафед дар макони ошно оҳиста оҳиста қадам мезад. Ин дам пиракӣ тапиши дилашро ҳис мекард. Ва боз бо сару рӯи арақшор ва дили афгор ба қабристон назар дӯхту оҳе аз ҷигар кашид.

-“Эй худо, тавба кардам, гуноҳи мани бандаи осиро бубахш. Охир ин гуноҳи ман, ки дер -дер ба қабристон меоям”.

Мӯйсафед базӯр ба замин нишаст ва хаёл кард,ки кампиру бачаи ҷавонмаргаш аз гӯшае бо ҳасрат ба ӯ нигоҳ доранд. -“Ё авзанбиллоҳ,ман хобам ё бедор. Ин воқеа қариб даҳ сол пештар ба вуқуъ омада буд. Як саҳарии барвақти рӯзи якшанбе мӯйсафед кампиру ягона фарзандашро ба маркази ноҳия гусел кард. Хайр чӣ, бозорро сайр карда гашта меоянд. Мӯйсафед бо ҷигарбандаш хайрухуш кард. Вай ҳис накард,ки ягон маротиба ин хел видоъ накарда буд. Бачаашро ба оғӯш кашида аз сару рӯяш бӯсид ва гуфт: - Шукрона, ки дар сари пирӣ худо ба мо чунин писари зеборо насиб кард. Занаш ҳам ҳайрон - ҳайрон ба мӯйсафед нигоҳ мекарду лаб мегазид ва дилаш алов мегирифт.

Яке занак гуфт: - Мардак ягон рӯзи дигар равем,чӣ,ҳа!

- Имрӯз якшанбе,аз саҳари гарми офтобӣ,ҳеҷ гап не дар қатори дигар ҳамдеҳаҳо рафта тамошо мекунеду боз гашта меоед!

Ана ронандаи ҳамсоя ҳам омад. Занак дилу бедилон дар паҳлӯи писараш нишасту мошин дар як лаҳза нопадид шуд. Ҳатто мӯйсафед аз паси мошин дурусттар нигоҳ ҳам накард. Кош он рӯз аққалан аз паси онҳо мерафтам. Нисфирӯзӣ акнун мӯйсафед аз боғаш баромаданӣ буд,ки садои гиряву нолаи ҳамсояҳо баланд гардид. Ҳаққу ҳамсояҳо як -як назди мӯйсафед омада, гиряву фиғон доштанд. Аввал пиракӣ бовар накард ,ки дар хонаи худаш мусибат шудааст. Танҳо баъди дидани ҷисми хуншори зану фарзандаш якбора ба замин афтид. Ҳушаш рафт. Обаш пошиданд. Худашро ба даст гирифтанӣ шуд. Аммо надонист,ки ғайрату қувваш куҷо шуд. Дар назди ҷисми хунолуди зану фарзандаш ба зону зада ашк мерехт. Тақдирро бинед,ки ронанда зинда мондаасту зану бачаи ягонаи муйсафед ҳалок шудаанд...

Мӯйсафеди ғамзада пакару хаста шуд ва дигар ҳис кард,ки тобу тоқати дар деҳа монданро надорад. “Бояд ба ҳамон кулбаи дури худ баргардам . Охир аз дусар дар ин деҳа дигар мутакое надорам”. Бо ин андешаҳо аз болои деҳа гузашта ба пайраҳаи пурпечутоби кӯҳӣ баромад .Вай устувору

С. 15

тез-тез қадам мезад ва роҳи шинос ӯро ба подомани кӯҳи Валвалак мебурд. То манзил расидан хеле роҳ аст. Аввал аз чашмаи сари пушта гузаштан лозим меояд, фикр кард мӯйсафед. Пештар ҳамин ки ба ин ҷо мерасид, албатта назди чашма дам мегирифт. Ва як пора нони товагиашро бароварда, дар оби сарди чашма тар карда нӯши ҷон мекард. «Чӣ қадар лазиз ва бомаза аст нони дар оби хунук тар карда. Нони фалҳашуда роҳати ҷон»- аз дил гузаронд ӯ. Вале ҳамин, ки ба сари чашма расид, фикраш дигар шуд. Охир вай чашмаро вайрону валангор дарёфт. Акнун аз вай чашмаи қандоби пештара нишоне намонда буд. Мӯйсафед ҳам шуда, новаи чашмаро шикаста дид. Болои чашмаро сангу бутта пӯшонда буду обаш базӯр катра-катра мебаромад. Мӯйсафед ғамгин шуд ва фаҳмид,ки чашма бесоҳиб мондааст. Ба хотир овард, ки солҳои пештар ҳатто аз деҳа ба ин мавзеъ омада, аз чашма бо ният об мебурданд. Чашмаи табарук буд ва обаш ба сад дард шифо. Мӯйсафед кадре хаставу малӯл гашт ва ноилоҷ роҳашро идома дод.

«Дар подомани кӯҳ маро албатта бабр интизор аст. Тезтар рафта расидан даркор. Магар дӯстро фаромӯш кардан мумкин аст,албатта не, аз дил гузаронд пиракӣ. То подомани кӯҳ расидан кӯтали Харкӯшро гузашта дид,ки дар ин пастхамӣ бодоми кӯҳӣ гул кардааст. Ба гулҳои нав муғча баставу гулкардаи дарахти бодом ҳавасаш омад ва гулҳоро бӯйида,зери лаб гуфт: -«Худоё, худовандо , хазор маротиба шукронаат, ки ба баҳор расидем. Иншооллоҳ баҳор ҳам омадааст,ана нишонааш ҳамин бодоми гул баста аст».

Дар подомани кӯҳ ҳам кариб баҳор омадааст,танҳо ҷо-ҷо ҳануз барф боқӣ мондааст халос. Мӯйсафед аз дур ба кулбаи танҳояш нигоҳ карда дид,ки дар даҳани дараш бабр ғел зада хобидааст. Мӯйсафед нафаҳмид,ки ду рӯз боз бабр роҳи муйсафедро мепояд. Бабр ғур-ғур дошта ҳар замон паст нолиш мекард. Ҷонвари рамузфаҳм омадани мӯйсафедро ҳис кард,ки якбора аз ҷояш часта парид ва хез зада назди мӯйсафед расид. Гиродогирдаш ба давупар даромад. Бо ин роҳ бабр садоқату дӯстдориашро ба ӯ гуё нишон медод. Мӯйсафед ҳис кард, ки чӣ қадар бабр ӯро интизор шудааст. Бабр ҳамоно пойҳои ӯро лесида, фарёд кашид. Мӯйсафед сару гардани бабрро сила карда афзуд:

-Маро ёд кардаӣ,ҳа! Ё гурусна мондаӣ!

Мӯйсафед миёнбандашро кушода, аз он нону гӯшт бароварда назди бабр гузошт. Нигоҳи бабр барқ зад ва ҷонвар думи дарозашро ликонда бо пойҳои пешаш ба замин кӯфт: Мазмун изҳори миннатдорӣ кард ва ба хӯрдани гӯштпора даромад. Мӯйсафед ором шуд ва ғизохӯрии бабр хурсандаш намуд. Дилаш фишурда шуд. Мехост соатҳои дароз назди бабр нишинад.

Имрӯз аз дами саҳарӣ дар кӯҳдоман ва бешазори пур аз кочу арчаҳои худрӯй борони майда меборид. Шибир-шибири борон мисли мусиқии гӯшнавозе дар ҳавои серуни беша сайр дошт. Мӯйсафед дар боғаш машғули нарм кардани дастнихолонаш буд. Шод буд,ки имсол бисёр дастнихолонаш муғча бастаанд ва гул кардаанд. Пештар дар ин ҷо ниҳоли шафтолу намерӯид. Аммо бо ҳиммати мӯйсафед ниҳоли шафтолу ҳам дар ин шӯрхок часпид ва реша давонд. Ҳоло мӯйсафед ба ниҳоли қадкашида ва пургули шафтолу нигоҳкунон завқ мебурд. Гуё шафтолу не, балки рӯ ба рӯяш наваруси нозанини сафедпӯше меистод.

Ин дам яке аз пуштакӯҳ садои тир баромад. Парандагон якбора рамида аз шохсорон фирор карданд. Боз қиву чуви парандагон баланд гардид ва фазоро селаи парандагони фирорӣ пур кард. Мӯйсафед дар даҳ соли охир аввалин маротиба садои тирро мешунид ва ҳайрон шуд,ки чӣ гуна ба ин хилватҷой шикорчиён роҳ ёфтаанд. Бовараш наомад. «Наход ба ин гӯшаи дур низ пайи қадами шикорчиён расида бошад»,- аз дил гузаронд пиракӣ. Банди дилаш сахт ларзиду пешомади сиёҳеро ҳис кард. Боз садои тир баланд шуду мӯйсафед оромиашро гум кард. Хаёлаш чангал аз нафаскашӣ монду ҳавои ғуборолудае роҳи нафасашро гирифт. Гумон кард,ки дар гулӯяш чизе дармондааст. Зунукаш гирифт ва ноилоҷ корашро партофта ба кулбааш баргашт. Ба хотираш бабри танҳо расид. -«Ҳоли ҳайвони бечора чӣ шуда бошад?. Наход аз думболи бабр афтода бошанд! Шояд ё..Не,не! Ин номумкин мебошад. Охир манзили озодапаланги танҳоро касе дуруст намедонад»,- аз дил гузаронд мӯйсафед.

Манзили зисти озодапалангро шикорчиён аз дур ба воситаи дурбин мушоҳида карданд. Шикорчии роҳбалад дурбинро як сӯ гузошта аз хурсандӣ ҷониби шогирдаш нидо кард: - Ана гирифта бин, ху дар бари шахи сиёҳ озодапаланг бепарво гаштааст. Ҳамроҳаш чашм аз дурбин наканда гуфт: -Ака аҷаб бало, хушёрӣ мегум,чӣ хел чашмат ба ин озодапаланг афтод,ҳа!

-Эй додар напурс вакт танг аст,сайдро аз даст додан даркор нест. Биё харҷӣ тезтар ин ҷонвари зеборо ба даст дарорем. Чӣ гуфтӣ, ҳа?,- дандоннамо даҳон гиҷ кард, шикорчии нисбатан калонтар. Ҳарду чолокона



пастхамиро гузашта, роҳро чапғалат карда ба сари дунгӣ ва аз онҷо шахҳои дукӯшаро уреб карда ба манзили бабр кариб расида гирифтанд. Озодапаланги дар ғафлат мондаро танҳо садои тир ба худ овард. Вай аввал чизеро сарфаҳм нарафта, худашро якторафа ҷониби ғор афганд ва начот ёфт, аммо дар бадани худ сӯзиши сахту ҷонхавлонае ҳис кард ва нолишкунон баданашро лесид. Дид, ки аз таги шонаи пои росташ хун мебарояд. Ҷои захминро хуб лесид, лекин хун ҳамоно мерафт. Ғел зада афтону хезон ба буттазор расид ва ғел зад, худашро дар алафҳои навруста ҷулонд. Хунравӣ камтар шуд, аммо ҳолаш беҳ нашуд ва озодапаланг ноилоҷ ҷониби кулбаи дӯсташ мӯйсафеди танҳо роҳ пеш гирифт. Ҳангоми ба дашти кушод баромаданаш боз дучори хамлаи шикорчиён гардид ва ин дафъа ҳам тасодуфан начот ёфт. Шикорчии калонсол, ки таҷрибаи бештар дошт, шогирдашро ачала кард, ки роҳро гум накунад. Ва албатта бабр дастгир хоҳад гардид. Озодапаланг бехабар, ки шикорчиён ӯро думболагирӣ доштанд. Онҳо диданд,ки бабр аз дашти кушод поён хамбида ба кӯҳдоман гузаштанист.

Мӯйсафед аз якбора пайдо шудани бабри захмин ба таҳлука афтод. «Аҷабо, наход шикорчиён ба қасди ҷони бабр афтода бошанд,ҳа! Бабр бо нигоҳи имдодталабона ба пеши пои мӯйсафед омада, афтид. Пиракӣ аввалин маротиба бабри нотарсро ғарибу нотавон дид ва ба ташвиш афтод. Паҳлӯи бабр нишаст ва гарданашро навозиш карда, ҷои захмро муоина кард. –Оҳ,беимонҳое ,наход аз Худо натарсед. Охир ин ҷонвари безабон ба шумо чӣ бадие кардааст,ҳа! Вай зуд ҷои захминро марҳам баста бабрро ором намуд. Бабр ҳамоно беработ нафас кашида, ғур-ғур мекард.

-Ту нотарсу далер ҳастӣ бабр, шифо меёбӣ, иншооллоҳ. Танҳо минбаъд аз шикорчиён дур бош фаҳмидӣ...

Аммо бабр чизе нафаҳмид. Аз кунҷи даҳонаш луоба рехта,дандонҳои ашкаш шақарос мезаданд.Забони сурхрангаш варам карда буд... Ин дам нохост харду шикорчӣ дар даҳани дар пайдо шуданд. Онҳо мӯйсафеду бабрро дида тааҷҷуб намуданд. Мӯйсафед ҳанӯз даҳон накушода буд,ки бабри захмин як халос зада онҳоро чапғалат доду худро ба берун афканд. Шикорчии ҷавонтар хост бабрро думболагир кунад,ки марди таҷрибадор хандаи тахдоре карда даст афшонд ва назди мӯйсафед нишаста гуфӣ: - Ана ту чӣ хел одам будаӣ бобо!

-Чӣ хел, тааҷҷуб кард мӯйсафед.

-Охир ман шуморо намешиносам,ку!

Туро ҳама мешинохтааст.Дар деҳа ба мо гуфтанд ки дар кӯҳдоман як мӯйсафеди якраве танҳо зиндагӣ дорад. Мӯйсафед ба чашмони бозингару маккори марди шикорчӣ бо нафрат нигоҳ карда гуфт:

-Чӣ магар дар кулбае танҳо зистан гуноҳ мебошад!

- Албатта гуноҳ аст. Охир одам барин мини мардум бошӣ намешавад, магар,ҳа!

- Гӯш кун мана, шумо одам ҳа,аммо чаро ҳайвоноти бегуноҳро кир месозед? Охир паронданы озодапаланг гуноҳ нест магар?

- Ҳай,муйсафеди гулу гаранг будаед,да! Охир одамизод ба дунё меояд, ки чорта роҳат кунад,шикор кунад,на Шумо барин зиндадаргӯру танҳо бошад. Фаҳмидӣ?

- Не,нафаҳмидам, ҳаромхӯрҳо!

- Чӣ гуфтӣ ? таҳдид кард шикорчӣ. Оҳ,пиракии лаънатие, дамата гир. Набошад ҷо ба ҷо мепаронамат ва мурдаат туъмаи зоғу заған мегардад, фаҳмидӣ?

- Маро тарс надеҳ,пир шудаам ба умрам кам боқӣ мондааст, аммо вой бар ҳоли шумо мурдорҳо. Шикорчӣ ба ҳамроҳаш нигоҳ карду якбора ғурунгос зада гуфт:

- Дидӣ, ин пири беимон ақлашро хӯрдааст, ҳатто аз мурдан ҳам ҳарос надорад.

Баъд чизе ба хотираш расиду арғамчин овард ва дукаса мӯйсафедро дар сутуни пешайвони хона бастанд. Ҳарду шикорчӣ дом монда акнун интизори баргаштани бабр буданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки озодапаланг назди мӯйсафед бармегардад. Озодапаланг муддате атрофи кулба чарх зад. Мӯйсафедро надид ва ноилоҷ ҷонашро дар хатар монда ба хона наздик шуд. Ба наздики дар омада фарёд кашид. Баъд садои дардолуде бароварда мӯйсафедро даъват кард. Мӯйсафед аз оқибати кор тарсида ҷонхавлона фарёд кашид: -«Бабр чӣ кор мекунӣ, баргард. Ба кӯҳҳои баланд ба манзилат рав...Худоё бабрро нигоҳ дор».

Садои мӯйсафедро бабр нашунид ва боз бекарортар гардид. Дигар бабр аз рӯи савки модарзодиаш вазъиятро сарфаҳм намерафт. Гумон дошт,ки одамон дӯстӣ ҳамдигаранд. Намедонист,ки шикорчиён мӯйсафедро гарав гирифтаанду барояш дом ниҳодаанд. Бабр бештар ба ғазаб омада буд ва дигар тоби дурӣ надошт. Мехост мӯйсафедро аз наздик бинад. Ташвиш ва изтиробаш меафзуду ҷисми зебояшро лунда карда худро ба дару девор мезад ва ба дар ханҷол мекашид. Аз ғур-ғури озодапаланг шикорчиён ҳам сахт тарсиданд, ки оромона оқибати корро интизорӣ доштанд . Онҳо акнун дар муқобили озодапаланг худро нотавону ғариб ҳис мекарданд.

Фаҳмиданд, ки танҳо бо роҳи ҳилаву найранг метавонанд озодапалангро дастгир созанд. Онҳо таги тиреза рӯ ба рӯи мӯйсафед дом ниҳоданд. Бабр мехост бо ҳар роҳе мӯйсафедро пайдо намояд. Озодапаланг охирин ҷасорату қувваашро ба кор бурд ва аз ҷояш часта, худро бо шаст аз тиреза ҳаво дод. Аммо ҷуссаи пурқуввати ӯ дар дом дармонд. Бабр панҷаҳои гироишро кушода хос домро канда партояд, аммо нашуд ва дар ҳалқаи дом ҷуфтак зада зуза кашид. Нигоҳи бабр ба мӯйсафеди дасту по бастаи ғариб афтод ва бетоқатона худашро ба замин афканда наъраи сахте кашид. Нола кард, садои дахшатноке бароварду якпахлу афтод. Дигар бабри захмин ночор монда қудрати нигоҳ кардани шикорчиёни номардро надошт.

Фаҳмид, ки онҳо аз пайяш афтода саҳарӣ ӯро дар кӯҳ захмин карда буданд. Бабр ба худ дур мепечиду бандҳоро аз худ дур кардан мехост, аммо қилаку банди гиреҳ баста ҳалқадавак шуда гулӯи ҷонварро мефишурданд. Овози марғуладораш торафт пасту хиррӣ мешуд.

Мӯйсафед дигар тоқати дидани ин манзараи нохушро надошт. Натавонист таҳаммул кунад ва баланд фарёд зад:

-Худоё Худовандо, ба ҷони бабр раҳм кун, нагузор мирад ва гирён шуд.

Шикорчӣ хандид ва гуфт:

- Хуб мӯйсафеди содда будаӣ, Дигар касе ба ин ҳайвони лаънатӣ кумак карда наметавонад. Беҳтараш ғами худатро хӯр.!

Мӯйсафеди музтар ба зорию тавалло даромад:

-Ӯро раҳо кунед,ман як умр ғуломи шумо мешавам, хизмататонро ба ҷо меорам...

- Аз дасти ту мӯйсафеди гаранг чӣ ҳам меояд,- гуфт шикорчии калонсолтар.

- Ба ҳурмати Худо гуноҳ мегиред. Охир куштани озодапаланг гуноҳ аст...

-Эй ин афсонаҳоятро як сӯ мону гӯй, ки роҳи осонтари ба таҳдашт баргаштан куҷост? Мӯйсафедро ашк гулӯгираш карда буд.

Бабри ба дом афтода дигар ночор монд ва бо алам ба мӯйсафеди нолону гирён менигаристу ғур-ғур мекард.

Шикорчии бераҳм яке бо ачала аз ҷояш часта бо чӯбдастаи калоне ба наздики бабр рафт. Гӯё ақлашро бохта бошад, бо чаҳлу хашм бо чӯбдаста ба задани бабр пардохт. Бабри захмини ба дом афтода хост хез зада шикорчиро буғӣ кунад ,аммо дом ӯро сахтар печонда буд. Аз зарбаҳои сахти калтаки шикорчӣ бабр нолаву фарёд дошт.

- Худоё,ин чӣ рӯзи сиёҳ аст? Чаро шумо ин қадар бераҳмед,ҳа?

Аммо шикорчиён ба суханони мӯйсафед гӯш надода, бабрро бардошта бурданд. Мӯйсафед бо дидаҳои ашколуд бабрро, ки бо дарду сӯз нола дошт, охирин маротиба гусел намуд.

Мӯйсафед сахт –сахт нафас мекашид, банди дасташ месӯхт. Арақ кард ва ба хобаш бурд. Хоб дид, ки дар пуштакӯҳ истодааст бабр дар гирдаш давутоз дорад. Бабр ғур-ғуркунон ба мӯйсафед чизе гуфтан мехоҳад. Аммо мӯйсафед чизеро намедиду гӯшҳояш намешунид...

## СОБИҚАДОРИ 82-СОЛАИ СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ РИСОЛАИ НОМЗАДИАШРО ДИФОЪ НАМУД



Собиқадори соха - Зиёев Ҷахон Шафиевич, ки аз соли 1989 то соли 2008 ба сифати муовини сардори Бозрасии давлатии ҳифз ва истифодаи захираҳои оби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард, рӯзи 15 январи соли равон диссертатсияи номзадиашро дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрогеологии конҳои нафту газ ва дурнамои минтақаҳои қобили дастраси Тоҷикистон барои истихроҷи нафту газ" **(Гидрогеологические особенности нефтегазовых месторождений и перспективы нефтегазоносности разведочных площадей Таджикистана)** дифоъ намуд.

Ёдовар мешавем, ки Зиёев Ҷ.Ш. 82 сола буда, айни замон дар факултети геологияи ДМТ ба ҳайси устод дарс мегӯяд.

## ТАВАҶҶӮҲ!!!

Бо мақсади татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, омодагӣ ҷиҳати ташвиқу тарғиби Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028" Фармоиши Раиси Кумита таҳти № 20 аз 5 феврали соли 2020 дар бораи эълони озмун дар байни рӯзноманигорон дар мавзӯи «Сатҳи баланди маърифати экологӣ - пояи рушди устувори давлат ва ҷомеа» ба имзо расид.

Ба озмун маводҳои интишоршуда ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қабул карда мешаванд.

Иштироккунандаи озмун ба комиссияи озмун маълумотномаро, ки дар он ному насаб, суроға, рақами телефон ва маълумот дар бораи дар кадом воситаи ахбори омма чоп гаштани мақола нишон дода шудааст, пешниҳод бояд намояд.

Ба маълумотнома нусхаи маводи чопӣ, диски барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ бо анотатсияи мавод (дар шакли чопӣ бо андозаи А4, ҳуруфи Times New RomanTj 14 замима карда мешавад. Нусхаи электронии маводҳо ба суроғаи электронии **tilloevag@gmail.com** ирсол карда шавад.

Давраи баргузории озмун аз 20 феврал то 20 августи соли 2020 муқаррар шуда, дар арафаи иди Истиқлолияти давлатӣ ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо ба ғолибон дар ҷаласаи комиссияи озмун аз тарафи роҳбарияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 рӯз баъд аз эълони натиҷаҳои озмун супорида мешаванд.

**Телефон барои тамос: 235-44-30**

## ОЗМУН БАЙНИ ХОНАНДАГОНИ МТМУ

Бо мақсади татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, омодагӣ ҷиҳати ташвиқу тарғиби Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028", "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва омодагӣ ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоиши Раиси Кумита таҳти №19 аз 5 феврали соли 2020 дар бораи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дарёфти дипломи Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Муҳити зисти солим-асоси рушди солимии ҷомеа » ба имзо расид.

Озмун барои хонандагони синфҳои 1-4, 5-8, 9-11 дар 6 номинатсия (расми беҳтарин, шеъри беҳтарин, ҳикояи беҳтарин, сурати беҳтарин, видеоролики беҳтарин, кори меъмории беҳтарин) пешбинӣ шудааст.

**Телефон барои тамос: 235-44-30**

# БУНЁДИ БОҒ БАРАКАТ МЕОРАД

Рустамшо ҳанӯз аз хурдсолӣ ба замину боғдорӣ меҳр баста буд. Ҳар гоҳе падари ҳунарманд ва боғпарвараш дар даст белу каланд ба сӯи замини назди хавлигӣ роҳ пеш мегирифт, Рустамшои хурдакак аз қафояш мешитобид ва ба заминкорию побел ва дигар корҳои деҳқонии падар назар меандохт. Бо гузашти чанд сол Рустамшо ба падар дар ин заҳматҳояш ёрӣ мерасондагӣ шуд ва ҳамин дилбастагии зиёд ба замину деҳқонӣ ӯро баъди хатми мактаб соли 1984 ба факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон овард.



Ҳангоми донишҷӯӣ Рустамшо худро ҳамчун ҷавони қобилиятнок ва ватандӯст нишон дод. Бо дуои қиблагоҳаш дар фосилаи донишҷӯӣ ба хизмати аскарӣ рафту баъди ду соли адои хизмат боз таҳсилашро идома дода, соли 1991 Донишгоҳро бо ихтисоси агрохимик-хокшинос хатм намуд. Фаъолияти меҳнатии Рустамшо соли 1991 дар собиқ хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Данғара ба ҳайси ҳисобчӣ оғоз гардида, баъдан бригадири боғпарварӣ ва дар давоми солҳои 1993-1995 ҳамчун агрономи соҳаи боғпарварӣ кор кардааст.

Р. Давлатшоев дар солҳои 1995-2005 ба сифати агроном ва муовини директори хоҷагии ёрирасони ширкати "Агрооп", солҳои 2005-2007 мутахассиси Кумитаи заминсозӣ ва солҳои 2007-2017 ба сифати сардори шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Данғара фаъолият дошт. Аз соли 2017 то инҷониб дар Экспертизаи давлатии экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зист ба ҳайси сардори шуъба фаъолият дорад.

Рустамшо бо вуҷуди кор кардан дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ, ба замину боғдорӣ меҳри беандоза дошт. Ҳамин дилбастагӣ ба замину боғдорӣ буд, ки хоҷагии деҳқонии "Наврӯз"-ро таъсис дода, дар майдони 23 гектар боғи дарахтони мевадиҳандаи себ, ангур, нок, олу, олуболу, зардолу ва шафтолу бунёд намуд. Имрӯз хоҷагии деҳқонии "Наврӯз" аз ҷиҳати истифодаи самаранок, ҳосилдиҳӣ ва низоми хоҷагидорӣ яке аз хоҷагиҳои намунавии истеҳсолоти соҳаи кишоварзии ноҳия ба ҳисоб меравад.

Рустамшо мегӯяд, ки бемуболиға барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи боғдорӣ дар баробари падараш, маслиҳату тавсияҳои судманди Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсир расонид.

Ҳамроҳи завҷааш фарзандонро дар руҳияи меҳнатдӯстиву ватанпарварӣ тарбия намуда, дар замири онҳо меҳри замину боғдориро ҷой кардааст. Ӯ мисраъҳои зеринро барои худ шиори зиндагӣ кардааст:

**Барои одамият се нишона,**
**Нахуст фарзанд, дигар бунёди хона.**
**Дарахтеро ба ҳосил парвариданд,**
**Бувад ин се нишона ҷовидона**

Рустамшо Давлатшоев аз боғи бунёдкардааш, ки гулистонро мемонад, бозорҳои истеъмолиро бо меваи тару тоза таъмин ва як қисми меваҳои шаҳдборро ба мардум ҳамчун кори савоб ва хайр ҳадя менамояд.

Зодрӯзи Рустамшо ба Рӯзи Артиши миллӣ мувофиқ омадааст. 22 феврали соли 2019 Рустамшо Давлатшоев бо медали "30 солагии хотимаёбии муҳорибаи ҳарбӣ дар Афғонистон" (аз ҷониби вазорати мудофиаи Федератсияи Россия) сарфароз гардонда шуд. Ҳамчунин барои хизматҳои шоён бо чандин медалу ифтихорномаҳо қадрдонӣ шудааст.

**Кумитаи иттифоқи касабаи Дастгоҳи марказии Кумита, ҳамкорон ва ҳайати эҷодии нашрияи "Инсон ва табиат" Рустамшо Давлатшоевро бо зодрӯзи хуҷаста муборакбод гуфта, ба ӯ дар корҳои давлативу рушди боғдорӣ ва зиндагии шахсиаш муваффақиятҳои нав ба навро хоҳонанд.**

## ТАЪЗИЯ

Кумитаи иттифоқҳои касаба ва аҳли кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба директори филиали Тоҷикистонии Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (CAREC) Вайсиддин Саидов нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

Кумитаи иттифоқҳои касаба ва аҳли кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси пешбари Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи ҳавои атмосфераи Кумита Ғуломов Абдухалил нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

Кумитаи иттифоқҳои касабаи дастгоҳи марказии Кумита ва аҳли кормандони Маркази назорати таҳлилӣ ба Ба мутахассиси пешбари Маркази назорати таҳлилии Кумита Аскарова Озода нисбати даргузашти

**БАРОДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

Нашрия дар назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

Издание образовано при Комитете по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан

*Сармуҳаррир*
Ҷамолиддин ЯҚУБОВ

Рӯзнома таҳти рақами 0275/рз аз 15 марти соли 2011 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

*Ба хотири гуногунандешӣ маталибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш намегирадю.*

Нишонии мо: ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Моб: 918-17-98-86; 917-35-53-14.
E-mail: ajammehr@mail.ru
insonvatabiat@gmail.com
Дар ҶДММ «Мега Принт» ба табъ расидааст.
Теъдод: 1100 нусха